“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор _________Раҳмон Д.С.
“____” ___________ 2024

**ТАҚРИЗИ**

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Салямова Дилафрӯз Нарзимуродовна дар мавзуи «Заминаҳои пайдошавии лакнатзабонӣ дар кӯдакон ва технологияи бартарафсозии он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.03 – педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренгопедагогика ва логопедия)

Дар ҷомеаи муосир пайдошавии лакнатзабонӣ дар кӯдакон ва ислоҳи он яке аз масъалаҳои муҳим маҳсуб меёбад. Қабул гардидани стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020 ва то соли 2030, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон (2010), Консепсияи таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) самтҳои асосии рушди таҳсилоти фарогир (2011), Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон (2017), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” (2013), Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2006), Қонун дар бораи масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд (2011), Конвенсияи байналмиллалӣ оид ба маюбон (2018) Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак (2010), Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (2010), нақшаи кори логопедӣ, нақшаи кӯдакистон, барномаи “Рангинкамон” ва ғайра таҳия шудааст. Ин аз он имконият медиҳад, ки ислоҳ намудани нуқсони лакнатзабонӣ дар раванди корҳои ислоҳӣ анҷом дода шавад.

Забон башарро ба тавоноии тафоҳум ва муошırати иҷтимоӣ бо ҳамнавъи худ таҷҳиз кунад, ӯро қодир месозад, ки фарҳанги худро аз насле ба насли дигар мунтақил кунад ва гардунаи муносибате барои андешаҳояш дар ихтиёр дошта бошад. Ба туфайли ин мураккабии забон муддати тулонӣ кӯдак забони модарии худро ба осонӣ аз худ мекунад ва бо он барои баён кардани фикраш, фаҳмидани суханони дигарон истифода мебарад.

Ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур пайдошавии лакнатзабонӣ дар кӯдакон ва технологияи бартарафсозии он корҳои ислоҳӣ якчанд бозиҳоро пешниҳод намуда, дар диссертатсия таъкид менамояд, ки бозӣ омили пешбарандаи фаъолияти кӯдакони синни томактабӣ ба

шумор рафта, махсусан бозиҳои шифоҳӣ, қофиябозӣ, байтбарак, фолклори бачагона ва ғайраҳо дар ислоҳи нуқсони лакнатзабонӣ васеъ мавриди истифода қарор меёбанд.

Дар рисола барои ба эътидол овардани праксиси артикулятсионӣ маҳси мушаки забон, устухонҳои рухсора, лабҳо ва коми нармро бо воситаи бозӣ барои ислоҳ намудани нуқсони нутқи лакнатзабонӣ тавсия дода мешавад. Ҳамчунин, барои ислоҳӣ хастагии асаби кӯдакони синни томактабӣ масҳ яке аз омилҳои ислоҳи лакнатзабонӣ маҳсубият меёбад.

Барои кӯдаке, ки дорои нуқсони лакнати забон доранд, сабру ҳавсалаи логопед, мураббӣ бисёр муҳим ва боарзиш аст. Мураббӣ бояд сабурона ва бо таваҷҷуҳ ва диққат фурсат диҳад, ки кӯдак бароҳатӣ он чиро, ки мехоҳад, бигӯяд, суханашро тамом намояд ва аз ҳар гуна шитобзадагӣ, тамасхур ва истеҳзои кӯдак худдорӣ намояд. Баъзе аз волидайн ин мавзӯъро нахустин нишонаҳои лакнати забон медонанд ва ба кӯдакон ёдовар мешаванд, ки ҳангоми суҳбат кардан бештар диққат кунанд, дар ҳоле ки гурӯҳи дигар ба ҳеҷ ваҷҳ вокуниш (муқобилият) нишон намедиҳанд ва сабру таҳаммул пеша мекунанд.

Ҳадафи таҳқиқотро муайян ва асосноккунии роҳҳо ва шароитҳои оптималии ислоҳи лакнатзабонӣ дар кӯдакони синни томактабӣ меҳисобад. Барои ислоҳи нуқсони лакнатзабонӣ омӯхтани хусусиятҳои темпо-ритмикии нутқ бо технологияи бозӣ, инчунин таҳияи машғулиятҳои логопедӣ барои кӯдакони синни томактабӣ бо истифода аз усулҳои нави таълимӣ вазифаи логопед барои ислоҳ намудани нуқсони лакнатзабонӣ бо воситаи зондҳо, расмҳо, фаъолиятҳо ташкил медиҳад.

Падидаи навгонӣ ва бозёфти илмии рисолаи Салямова Дилафруз Нарзимуродовна бо он арзёбӣ мегардад, ки муаллиф аз нигоҳи тозаи пажӯҳиш масъалаи ислоҳи лакнатзабонӣ дар кӯдакони синни томактабӣ ва коркарди методикаи таълими логопедӣ дар асоси он иборат меҳисобад, ки ҷанбаҳои зерин роҳ, усул ва воситаҳои самарабахши таъсиррасонӣ ба кӯдакони дорои нуқсони лакнатзабонӣ дар раванди бозии логопедӣ бо воситаи технологияи бозиро муайян карда, темпо-ритмикии нутқи кӯдакони лакнатзабонро коркард намуда, комплексии ислоҳии логопедӣ бо назардошти хусусиятҳои умумӣ ва фардӣ темпо-ритмикии нутқ дар кӯдакони лакнатзабон бо технологияи бозӣ асоснок шуда, самаранокии онро исбот намудааст.

Муҳақиқ дар диссертатсия таъкид менамояд, ки кӯдакони муоширати ноустувор дар аввал бо хоҳиши худ ба тамос ворид мешаванд, ба кор ва фаъолият шавқ зоҳир мекунанд, вале баъд ба хоҳишҳои калонсолон барои анҷом додани ин ё он кор бепарвоӣ ва

беэътиноӣ зоҳир мекунанд. Онҳо ба вазъияти мушкилӣ базӯр ворид мешаванд, ҳавасмандгардонии фаъолияти худро талаб мекунанд ва пас аз даъватҳои такрорӣ аз иҷрои вазифаи зарурӣ даст мекашанд. Кӯдаконе, ки нисбат ба ҳамсӯҳбат муносибати манфӣ доранд, пӯшида, шармгин, баъзан дорои хислатҳои рафтори хашмгин мебошанд. Зарурати иҷрои дархост, супориш, махсусан дар муҳити нав, дар онҳо аксуламалҳои невротикӣ, баъзан рафтори қариб аутистӣ ба вуҷуд меорад. Чунин ба назар мерасад, ки кӯдакон ба гурӯҳи ҳамсолон ё калонсолон ниёз надоранд. Муошират ба таври қатъӣ интихобӣ аст.

Аз таҳлили адабиёти илмию методӣ бармеояд, ки пажӯҳиши масъалаи пайдошавии лакнатзабонӣ дар кӯдакон ва технологияи бартарафсозии он аҳамияти илмию амалиро аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардани ташаккули функсияҳои моторӣ таъсир мерасонад, ки муолиҷаи лакнатзабонӣ асосан тавассути равоншиносӣ сурат мегирад. Дар оянда лакнатзабониро муаллифон ҳамчун як бемории функсионалӣ, невроз мешуморанд, ки ба тамоми ҳаёти инсон таъсир мерасонад. Инчунин дар баробари пайдо шудани лакнатзабонӣ суст инкишоф ёфтани малакаҳои ҳаракатӣ мушоҳида мешавад.

Натиҷагирӣ аз кори амалӣ–таҷрибавӣ, ки дар диссертатсия ва маводҳои нашргардидаи муаллиф инъикос гардидаанд, таҳқиқу баррасии ҷабҳаҳои илмӣ–методии масъаларо ба таври комил дар бар мегиранд. Пайдошавии лакнатзабонӣ дар кӯдакон ва технологияи бартарафсозии он бо воситаи бозӣ дар таҳсилоти томактабӣ бо гузаронидани корҳои санҷишӣ-озмоишӣ тасдиқ карда шудааст.

Унвонҷӯй муваффақ шудааст, ки дар заминаи баҳисобгирии таҳқиқотҳои илмии психологӣ–педагогӣ,ислоҳӣ ва зарурати истифода бурдани усулҳои дифференсиалиро дар кори ислоҳӣ ва тарбиявӣ бо лакнатзабонӣ таъкид кардааст, ки ҷанбаи этиопатогенетикии вайроншавии нуткро ба назар мегирад.

Дар рисолаи тақризшаванда ноил шудан ба ҳадаф ва санҷишу тасдиқи фарзия аз нигоҳи ҳалли масъалаву вазифаҳои зерин таҳқиқи худро ёфтааст:

- асосноккунии методологияи омӯзиши ҷанбаи фонемикии нутқи кӯдакони синни томактабӣ бо инкишофи умумии нутқ;
- омӯхтани хусусиятҳои темпо-ритмикии нутқ дар кӯдакони лакнатзабон дар асоси технологияи бозӣ;
- нишон додани нақши бозиҳои логопедӣ дар ислоҳи нуқсонҳои лакнатзабонӣ;
- дар заминаи корҳои амалии анҷомёфта асосҳои назариявии методологияи фаъолияти бозиро баррасӣ кардан;

- тахияи машғулиятҳои логопедӣ барои кӯдакони синни томактабӣ бо истифода аз усулҳои нави таълимӣ;

- ислоҳ намудани нуқсони лакнатзабонӣ бо воситаи зондҳо ва расмҳо.

- ҷамъбасти корҳои санҷишӣ-озмоишӣ ва пешниҳодот дар асоси маҷмӯи натиҷаҳои бадастомада бо логопед, мураббӣ, равоншинос дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ пойгоҳӣ натиҷаҳои мусбатро нишон доданд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки он имкон медиҳад, ки самтҳо асоснок карда шаванд, мазмун ва усулҳои кори логопедии ба эътидол овардани параметрҳои темпо-ритмии нутқи кӯдакони лакнати забондошта бо воситаи бозӣ муътадил карда шаванд. Дар асоси маълумотҳои таҷрибавии ба даст овардашуда меъёр ва шартҳои татбиқи равиши дифференсиалӣ ва фардӣ дар рафти кори логопедӣ тартиб дода шуда, маводҳои лингвистӣ аз рӯйи принсипи мураккаби ташкили темпо-ритмии он ба низом дароварда шудааст. Баҳодиҳии сифатӣ ва миқдорӣ ба хусусиятҳои сифатҳои темпо-ритмиии нутқ бо истифода аз усулҳои объективӣ ба ташхиси аниқтари дифференсиалии аломатҳои маҷмуи лакнатзабонӣ мусоидат намуданд. Барномаи комплексии тартибдодашуда барои ислоҳи нуқсонҳои темпо-ритмикии нутқро бо тариқи бозӣ дар амалияи васеи логопедӣ бо камбудиҳои мураккаби нутқ, ки дар шудааст.

Асоснокии методологияи таҳқиқот, истифодаи маҷмуи усулҳои бозӣ бо ҳам алоқаманди муосири таҳқиқоти илмӣ, ки ба мавзуи он мақсад ва вазифаҳои он мувофиқанд, хусусияти мураккаби кори таҷрибавӣ, таҳлили сифатӣ ва миқдорӣ ва коркарди статистикии маълумоти гирифташуда, кӯдакони синни томактабие, ки дар озмоиш иштирок мекунанд, иборат мебошад.

Саҳми шахсии унвонҷӯ дар он зоҳир мегардад, ки ӯ бо такя ба дастовардҳои илмҳои педагогӣ, психологӣ, ислоҳӣ ва маводи озмоишҳои амалӣ бори нахуст масъалаи пайдошавии лакнатзабонӣ дар кӯдакон ва технологияи бартарафсозии он ба таври амиқу густурда мавриди таҳқиқ ва арзёбӣ намудааст. Натиҷагирӣ аз кори амалӣ–таҷрибавӣ, ки дар диссертатсия ва маводҳои нашргардидаи муаллиф инъикос гардидаанд, таҳқиқу баррасии ҷабҳаҳои илмӣ–методии масъаларо ба таври комил дарбар гирифтааст.

Қобили зикр аст, ки натиҷаи асосӣ ва арзишманди пажӯҳиш дар маводи Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, маводи конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, семинарҳо ва тренингҳо баррасӣ шуда, дар мақолаҳо инъикос ёфтааст, ки 3 адади он дар нашрияҳои

тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Дар боби якуми рисола -“Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқи масъалаҳои пайдоиш ваислоҳи нутқи кӯдакони лакнатзабон” таҳлил карда шудаанд. Раванди лакнатзабонӣ ва зуҳуроти он бештар аз хусусиятҳои ҳолати психофизикии кӯдак ва шахсияти ӯ вобаста аст. Дар анамнези кӯдакони лакнатзабон таъсири хатарҳои гуногуни табиати экзогенӣ ва эндогенӣ, инчунин паст будани соҳаи нейропсихикии худи кӯдак ошкор карда мешавад. Бори невропатикии кӯдакон дар изтироб, гиря дар кӯдакӣ, дар вайроншавии хоб, ғизо, дертар - дар тарси шаб, тарси танҳо будан дар як ҳуҷра, аксуламалҳои истерикӣ зоҳир мешавад. Дар ин кӯдакон ақибмонии инкишофи нутқ, ихтилоли тарафҳои динамикии нутқ, вайрон кардани талаффузи садо мушоҳида карда шударо исбот намудааст.

Ба андешаи муаллиф яке аз падидаҳои лакнати забон ин гӯшагирии шахси лакнатдошта аст, ба тавре ки намехоҳад бо дигарон муошират дошта бошад ва иллати ин гӯшагирӣ ҳисси нотавонӣ аст. Ҳамин нотавонӣ сабаби нороҳатии бештари кӯдак мешавад ва дар натиҷа мумкин аст ҳар рӯз бар микдори ихтилол афзуда гардад. Вуҷуди ин нуқсон низ сабаби махфӣ мондани бисёре аз истеъдодҳо аст. Масалан кӯдакони наққоше чун дар изтиробу нигаронӣ ба сабаби лакнат забони ба сар мебарад, наметавонад барои шиносондани худ ба дохили иҷтимоъ биравад ва худро ба дигарон шиносонад, аз мардум қафо мемонад ва чӣ бисёр истеъдодҳое аз ин қабил, ки дар тайи қурун ва асрҳо ношинохта боқӣ мондааст.

Лакнати забон ирсӣ-иҷтимоӣ-равонӣ шуда метавонад, вале хеле аз ҷанбаҳои он ҳанӯз ошкор карда нашудааast. Норавонии гуфтор аксаран дар кӯдакони синни аз 2 то 5 сола ба чашм мерасад ва бахусус дар писарҳо ин бештар вомехӯрад. Дар ин давра аксари кӯдакон ба таври табиӣ дорои норавонии гуфторӣ мебошанд, вале дар асари сабабҳои иҷтимоӣ ва равонии номусоид ин норавонии гуфтор мумкин аст он қадар идома ёбад, ки ба як норавонии воқеӣ табдил гашта, ба сурати лакнати забон мубаддал шавад.

Дар ин давра тавсияи нуқсоншиносон ин аст, ки волидайн масъалаи нуқсони муошироти кӯдаконро дида, сари вақт ба табибон муроҷиат намоянд. Табибон ба волидайн муроҷиат ба логопедро пешниҳод намоянд, зеро дар марҳилаи табиии рушди чунин ҳолат онҳо бояд бо кӯдак ба таври табиӣ бархурд кунанд. Инчунин, ба суҳбати фарзанди худ бо диққат гӯш диҳанд, кӯдакро ба такрор, он чи ки гуфтааст, водор накунанд ва ё аз ӯ бихоҳанд, ки оромона суҳбат кунад. Равиши комилан нодурусте аст, ки волидайн ба фарзанди худ

дар гуфтани калимае, ки баёни он нуқсон дорад, кумак кунанд ва ё ҷумларо ба ҷои ӯ тамом кунанд.

Аҳамияти муайян дар рушди лакнатзабонӣ ба омилҳои ирсӣ дода мешавад. Рамзи генетикии кӯдак метавонад дорои хусусиятҳои патологии соҳаи моторӣ ва баъзе хислатҳои шахсият (аксентуатсияҳо) бошад, ки дар шароити номусоид метавонад ба лакнатзабонӣ оварда расонад. Ҳодисаи лакнатзабонӣ дар бародарону хоҳарон 18% -ро ташкил медиҳад. Гузашта аз ин, дар дугоникҳои дизиготӣ 30% ва дар дугоникҳои монозиготӣ 70% рух медиҳанд. Дар писарон лакнатзабонӣ 22% ва дар духтарон 9% ва барои зан мутаносибан аз 36 -% ва 17 %-ро ташкил доданро нишон дода аст.

Боби дуюми рисола технологияи педагогии ислоҳи лакнатзабонӣ дар кӯдакони синни томактабӣ тавассути як қатор бозиҳои ба ҳам алоқаманд (дидактикӣ, бозиҳои берунӣ бо қоидаҳо, бозиҳо бо сурудхонӣ ва ғ.), ки мавзуи машғулиятро инъикос мекунанд ва сенарияи ягонаро ташкил медиҳанд, ба даст оварда мешаванд. Дар машғулиятҳои логопедӣ логопед вазъиятҳои гуногуни бозиро ба вуҷуд меорад, ки ҳадафҳои ҳар як марҳилаи кори ислоҳиро амалӣ месозад. Методологияи фаъолияти бозӣ дар марҳилаҳои гуногуни омӯзиш бо роҳҳои гуногун истифода мешавад. Дар ҷараёни муоина логопед барои муайян кардани сохти иллат, хусусиятҳои психофизикӣ ва шахсии кӯдакон, муайян кардани характери фаъолияти бозии онҳо аз бозиҳои гуногун истифода мебарад. Дар давраи маҳдудияти нутқ (хомӯшӣ ва пичирроси нутқ) бозиҳои мақсаднок интихобшуда ба логопед барои суст кардани зуҳуроти нодурусти нутқ ва фароҳам овардани шароит барои тарбияи шаклҳои содаи нутқ инъикосшаванда кӯмак мекунанд.

Ба андешаи муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот бозии дидактикии навъи бозиҳои саҳнавӣ (матни назмӣ, насрӣ, рӯйимизӣ, театри ангушт) ба ҳаракати қаҳрамонҳо, расмкашӣ, ороиши декоратсия, асбобҳои мақсадноки саҳна алоқаманд аст. Дар ин бозиҳои саҳнавӣ кӯдакон метавонанд ба ҳамсолон ба калонсолон назорату итоат кунанд. Дар ҳолати аввал, ҳар як кӯдаки дузабона дар бозии умумӣ саҳми имконпазирро илова мекунад ва дуюм, талабот ба рафтори ҳар як бозигар меафзояд, ки ин дар кӯдакон сифатҳои ташкилотчигиро ошкор мекунад.

Бинобар ин, логопед аз адабиёти кӯдакони синни томактабӣ матнҳоеро интихоб мекунад, ки аҳамияти тарбиявӣ доранд, барои бой будани захираи луғавӣ, пайдарпайии равшани ҳодисаю амал, ифодаи бадеии забонро доро буда, бо будани сохти ибораҳо фарқ карда, бо ин

восита наксони нутқ ислоҳ карда шуда аст.

Дар рисолаи илмӣ пешниҳод мешавад, ки на ҳар як оила медонад, ки чӣ гуна муносибатҳо бо кӯдакони дорои нутқсони лакнатзабонӣ дошта бошад. Логопед кӯшиш мекунад, ки ба волидон дар тартиб додани реҷаи кор барои кӯдакон, дар хона кӯмак расонад. Корҳои ислоҳӣ бурдани оила, чӣ гуна рафтор карданро ҳангоми нуқсони лакнатзабонӣ дар кӯдакон, ба волидайн таълим додани усулҳои нутқ (калонсолон бояд дар хотир дошта бошанд, ки муоширати онҳо барои кӯдак намуна аст) омӯзонида шавад.

Аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ риоя гардидани мухлати марҳалаҳои таҳқиқот, мавриди истифода қарор додани методҳои мувофиқ ба объект, мавзуъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, интихоби дурусти микдору ҳаҷми гурӯҳҳои озмоишӣ, имконияти воқеии тасвиби озмоиш дар амалияи таълиму тарбия ягонагии натиҷаҳои бадастомадаро таъмин намудаанд.

Дастгоҳи илмӣ ва сохтори диссертатсия, автореферати он мувофиқи талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.03 – педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренгопедагогика ва логопедия) авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда дар сатҳи хуб таҳия гардида, муҳтавои автореферат ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад. Мақолаҳои дар нашриҳои илмии тақризшаванда ба табърасондаи унвонҷӯй муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро фаро мегиранд.

Дар умум, диссертатсияи Салямова Дилафрӯз Нарзимуродовна дар мавзуи «Заминаҳои пайдошавии лакнатзабонӣ дар кӯдакон ва технологияи бартарафсозии он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.03 – педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренгопедагогика ва логопедия) таҳқикоти анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи педагогикаи ватанӣ мебошад.

**Эродҳо ба кори диссертатсионӣ**. Дар баробари дастовардҳои муҳими илмӣ диссертатсия ва автореферати он аз камбудиву норасоиҳо холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили мазмуну мундариҷаи рисола муфид хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Дар рисолаи илмӣ баъзе калимаҳо бо забони русӣ ифода шудааст, ба монанди зонт, шпател, драмавӣ, персонаж ва ғайра) хуб мешуд,

шакли тоҷикии калимаҳо истифода мешуд.

2. Дар диссертатсия расмҳои пешниҳод шуда маводи интернетӣ ба ҳисоб меравад, хуб мешуд, ки расмҳо аз таҳқиқот истифода мешуд.
3. Зимни таҳлилу омӯзиш мушоҳида гардид, ки дар рисолаи илмӣ бархе аз иқтибосҳои овардашуда аз кадом манбаъ истифода шуданд, таҳти рақамгузорӣ қарор наёфтаанд.
4. Дар матни диссертатсия ва автореферат хатогиҳои услубӣ ва нуқсонҳои техникӣ, баъзе ҳолатҳои риоя нашудани муқаррароти Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ба назар мерасад, ки ислоҳ мехоҳанд.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои зикршуда арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи Салямова Дилафрӯз Нарзимуродовна дар мавзуи «Заминаҳои пайдошавии лакнатзабонӣ дар кӯдакон ва технологияи бартарафсозии он», дар ҳудуд ва микёси мавзуи таҳқиқшуда халалдор намекунад. Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда диссертант далелу маводҳои зарурироба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст. Диссертант аз адабиёти илмии зарурӣ дар самти таҳқиқоти мазкур огоҳии комил ва ҳамаҷониба дорад.

Хулоса, диссертатсияи Салямова Дилафрӯз Нарзимуродовна дар мавзуи «Заминаҳои пайдошавии лакнатзабонӣ дар кӯдакон ва технологияи бартарафсозии он» ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.03 – педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренгопедагогика ва логопедия) мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Лоиқов Парвиз Ҷумахонович мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Салямова Дилафрӯз Нарзимуродовна дар мавзуи «Заминаҳои пайдошавии лакнатзабонӣ дар кӯдакон ва технологияи бартарафсозии он» иштирок ва бо маъруза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогика 12 нафар устодону омӯгорони донишгоҳ иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" - 12 нафар, "бетараф" - нест, "муқобил" - нест (қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 13.05.2024, №3).

Раиси ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методӣ,
мудири кафедраи умумидонишгоҳии
педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент — Назаров Ҳотам Сарфарозович

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ,
дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии
педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент — Лоиқов Парвиз Ҷумахонович

Котиби ҷаласаи васеи семинари
илмӣ-назариявӣ — Расулова Нодира Сайдаламовна
13.05.2024

“Имзои Назаров Ҳ.С., Лоиқов Н.С., Расулова Н.С.-ротасдиқ мекунам.”

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ — Амиров Ф.А.

**Маълумот барои тамос:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров 16; Тел:(83322)2 35 06; E-mail: info@kgu.tj: www.kgu.tj

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС